**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, бинои асосӣ, ошёнаи 4. www.tguk.tj)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Одиназода Аслам Мадгиё дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат, пешниҳод шудааст**

Автореферати пешниҳодшуда натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии муҳаққиқ Одиназода Аслам Мадгиёро инъикос намуда, ба масъалаи ниҳоят мубрам ва муҳими рушди иқтисодиёти муосир - такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ бахшида шудааст.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот шубҳанок нест, зеро дар шароити ҷаҳонишавӣ, рақобати шадиди иқтисодӣ ва рушди босуръати технологияҳо маҳз сатҳ ва сифати сармояи инсонӣ ҳамчун омили калидии таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ баромад мекунад. Дар чунин шароит, на танҳо масъалаи ташаккул ва такрористеҳсоли сармояи инсонӣ, балки нигоҳдорӣ ва истифодаи самараноки он аҳамияти хос пайдо менамояд. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи рушди сармояи инсонӣ дар ҳамбастагӣ бо вазъи бозори меҳнат, равандҳои фаъоли муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ ва махсусан зуҳуроти «фирори мағзҳо» аҳамияти стратегии давлатӣ дорад. Муҳоҷирати меҳнатӣ, аз як тараф, ҳамчун механизми мутобиқшавии аҳолӣ ба маҳдудиятҳои бозори меҳнати дохилӣ баромад намуда, аз тарафи дигар, боиси коҳиши иқтидори зеҳнӣ, заифшавии пойгоҳи кадрии соҳаҳои калидӣ ва суст гардидани равандҳои инноватсионӣ мегардад. Дар ин замина, масъалаи ташаккули муҳити институтсионалии муассир, ки тавонад таъсири манфии «фирори мағзҳо»-ро коҳиш дода, шароити истифодаи самараноки сармояи инсонии миллӣ ва ҷалби бозгашти

кадрҳои соҳибтахассусро фароҳам оварад, аҳамияти махсуси илмӣ ва амалӣ касб мекунад.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот бо мантиқи илмӣ асоснок гардида, объект ва предмети таҳқиқот дақиқ муайян шудаанд. Фарзияи таҳқиқот равшан ифода ёфта, ба таври мантиқӣ бо ҳадаф ва вазифаҳои рисола алоқаманд мебошад. Асоси методологии таҳқиқот маҷмӯи усулҳои муосири таҳлилӣ, системавӣ, муқоисавӣ, иқтисодӣ-оморӣ ва моделсозии иқтисодиро дар бар гирифта, эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин менамояд.

Навгонии илмии таҳқиқот ба таври муфассал пешниҳод шуда, аз ҷумла дар такмили таърифи мафҳуми сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба нақши калидии тавонмандии инноватсионӣ, таҳияи модели консептуалии муҳити институтсионалии рушди сармояи инсонӣ, инчунин коркарди амсилаҳои таҳлили институтсионалии омилҳои таъсиррасон ба рушди сармояи инсонӣ ифода мeёбад. Ин муқаррарот дорои аҳамияти назариявӣ буда, ба рушди иқтисодиёти меҳнат ва назарияи сармояи инсонӣ саҳми муайян мегузоранд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар имконияти истифодаи онҳо ҳангоми таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди сармояи инсонӣ, такмили сиёсати маориф, танзими бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ, инчунин дар раванди таълимӣ зоҳир мегардад. Ин ҷанба дар автореферат ба таври возеҳ инъикос ёфтааст.

Сохтор ва муҳтавои автореферат ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ буда, мазмуни он ба пуррагӣ натиҷаҳои асосии диссертатсияро фаро мегирад. Забон ва услуби баён илмӣ, возеҳ ва мантиқӣ мебошад. Хулосаҳо ва тавсияҳо бо натиҷаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, асоснок пешниҳод шудаанд.

Барои тадқиқотҳои оянда тавсия менамоем, ки масъалаи рушди сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба ташаккули тавонмандиҳои инноватсионӣ дар шароити рақобати байналмилалӣ барои захираҳои зеҳнӣ, инчунин таъсири муҳоҷирати меҳнатии мутахассисони баландихтисос ба суръати гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ мавриди таҳлили муфассал қарор дода шавад.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Одиназода Аслам Мадгиё ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, худи диссертатсия кори илмии анҷомёфта мебошад. Муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат мебошад.

Тақриздиҳанда:
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
муовини ректор оид ба таълими
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба
номи Носири Хусрав Ҳамдамзода Х.А.

Имзои Ҳамдамзода Х.А.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба
номи Носири Хусрав Нажмидинов М.М.

Суроға:735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (83222)-2-54-81. Факс: (83222)-2-48-63.
Сомона: www.btsu.tj Суроғаи электронӣ: bgu-1978@mail.ru
Телефони муқарриз: (+992)-93-720-44-44